УДК 9 (2г)
ББК 305.1,0

## ВАЗИФАҲО ВА МУАММОҲОИ СИЁСАТИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Нуриддинова Манзура Исмоиловна*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:nuriddinova-1970@mail.ru*

## ЗАДАЧИ И ПРОБЛЕМЫ ПРОМЫШЛЕННОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Нуриддинова Манзура Исмаиловна*** *– кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Государственного образовательного учреждения Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, Республике Таджикистан, nuriddinova-1970@mail.ru*

## TASKS AND PROBLEMS OF THE INDUSTRIAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Nuriddinova Manzura Ismailovna*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, nuriddinova-1970@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати саноатӣ, стратегияи рушд, рушди саноат*

*Мақсади асосии сиёсати саноатии ватанӣ – ҳавасмандгардонии гузариши иқтисодиёти мамлакат ба роҳи инноватсионии рушд мебошад, ки ба илм ва бахшҳои баландтехнологӣ имкони таъмини шароитҳои мутобиқро барои рушди бахши истеҳсолии иқтисодиёт, пойгоҳи меъёрии ҳуқуқии соҳибкорӣ фароҳам меорад. Дар мақола вазифаҳо ва муаммоҳои асосии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.*

***Ключевые слова:*** *промышленная политика, стратегия развития, промышленное развитие*

*Основной целью отечественной промышленной политики является стимулирование перехода экономики страны на инновационный путь развития, обеспечивающий науке и высокотехнологичным отраслям возможность обеспечить надлежащие условия для развития производственного сектора экономики и нормативно-правовой базы бизнеса. В статье анализируются основные задачи и проблемы промышленной политики Республики Таджикистан.*

***Key words:*** *industrial policy, development strategy, industrial development*

*The main goal of the domestic industrial policy is to stimulate the transition of the country's economy to an innovative development path that provides science and high-tech industries with the opportunity to provide appropriate conditions for the development of the manufacturing sector of the economy, the legal and regulatory framework for business. The article analyzes the main tasks and problems of the industrial policy of the Republic of Tajikistan.*

Яке аз вазифаҳои калидию рушди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои миёнамуҳлат дар рақобати глобалӣ ноил шудан ба мавқеи пешқадам, ба даст овардани пешсафӣ дар бозори хизматрасонии зеҳнӣ ва молҳои баландтехнологӣ, ноил гардидан ба стандартҳои ҳаёти мамолики мутараққӣ дар самти некӯаҳволӣ, дарозии умр, дастрасии маориф ва ҳифзи тандурустии хушсифат, мутавозинии рушди минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз усулҳои ба даст овардани афзалиятҳои мазкур низ муайян шудаанд. Дар байни онҳо ба амалигардонии инноватсияҳо ва оптимизатсияи истифодаи иқтидорҳои минтақавӣ ва инсонӣ диққати махсус дода мешавад [1, С. 327–329]. Дар навбати худ, тадбирҳои мазкур тағйир додани принсипиалии парадигма ва афзалиятҳои рушди давлатӣ, шаклҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои мухталифи таъмини қонунгузорӣ, имтиёзҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба саноат, яъне таҳияи сиёсати усулан нави саноатии давлатро пешбинӣ мекунад.

Мақсади асосии сиёсати саноатии ватанӣ – ҳавасмандгардонии гузариши иқтисодиёти мамлакат ба роҳи инноватсионии рушд, ки ба илм ва бахши баландтехнологияи саноат имкон медиҳад муҳаррики рушди иқтисодӣ гарданд, ба вуҷуд овардани шароити мувофиқ барои рушди бахши истеҳсолии бахши иқтисодӣ, ки дар он боигарии воқеӣ тавлид карда мешавад ва пойгоҳи меъёрии ҳуқуқӣ барои соҳибкорӣ, мусоидат намудан ба инвеститсияҳои босифат ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин дурнамои мақсади сиёсати саноатии Тоҷикистон сатҳи баланди рақобатпазирии миллиро ба даст овардани мамлакат мебошад, ки асоси он самараи синергетикии ҳамкории се ҷузъи таркибӣ – инвеститсияҳо, инноватсияҳо, ҳамгироӣ мебошад. Бо назардошти тамоюлҳои иқтисодии глобалии муосир дар бораи ба ҳам наздикӣ ва қаробати мафҳумҳои “сиёсати саноатӣ” ва “сиёсати баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ” сухан рондан мумкин аст.

Дар бораи истилоҳот якчанд сухан гуфтан лозим аст. Чунин ҳисоб мекунем, ки сиёсати саноатии Тоҷикистон барномаи амали давлат оид ба рушди саноат дар доираи умумии манфиатҳои миллӣ дар асоси таҳияи стратегияҳои рушд мебошад, ки ба диверсификатсияи истеҳсолот дар баробари даст кашидан аз такяи пурра ба содироти ашёи хом нигаронида шудааст. Дар гузаштаи наздик суръати баланди афзоиши иқтисодиТочикистон аз бисёр ҷиҳат ба туфайли нархҳои дахлдори ҷаҳонӣ ва зиёд кардани ҳаҷми содироти ашёи хом ба даст омада буд. Дар натиҷа, дар мамлакат институтҳои пуриқтидори бозории дастгирии диверсификатсияи иқтисодиёт, ки маҳз онҳо ба ишғол намудани мавқеи манфиатовар дар низоми тақсимоти меҳнати байналхалқӣ ва махсусгардонӣ ба истеҳсол ва содир кардани маҳсулот бо ҳиссаи баланди арзиши изофа имкон медиҳанд, вуҷуд надоштанд. Дар бозори ҷаҳонӣ Русия асосан бо ашёи хом муаррифӣ мешавад, яъне алҳол ҳаҷм ва хели содироти молҳои баландтехнологӣ ночиз аст.

Имрӯз бо назардошти мақсади стратегии Тоҷикистон – ба даст овардани мақоми яке аз пешсафони асри XXI, ҳамчунин ҳолати ғайриқаноатбахши баъзе омилҳои бунёдии макроиқтисодӣ, инкишоф наёфтани институтҳо, маҳдудиятҳои захиравӣ ва инфрасохторӣ, ғайрисамаранокии ҳамкории бизнес ва давлат, тамоюлҳои манфӣ дар рушди сармояи инсонӣ зарурати бознигарии асосҳои сиёсати саноатӣ ба миён меояд. Зимнан, ҳаракати сиёсати саноатӣ ба самти ба воқеияти муосир муносиб танҳо дар сурати мавҷудияти муҳити умумии институтсионалии муосир дар давлат, андозбандии муътадил, низоми мутараққии қарздиҳӣ, низоми босифати маориф имконпазир аст. Омилҳои мазкур дар умум нисбат ба пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои сершумори андозӣ, гумрукӣ ва имтиёзҳои дигар ба инноватсияҳо дар соҳаи истеҳсолӣ таъсири бештар мерасонанд.

Алҳол стратегияи сиёсати саноатии мамлакатро сохтор ва вазъияти иқтисодиёт умуман, миқдор ва сифати захираҳои меҳнатӣ, чандирии бозори меҳнат, ҳамчунин имкони пешбинии ин нукта, ки дар оянда аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ кадом молу хизматҳо дархост мешаванд, муайян мекунанд. Даъвату таҳдидҳои мазкур имрӯз дар сатҳи сиёсати саноатӣ тадбирҳои оқилонаи вокуниш, таҳияи стратегияҳои усулан нави саноатиро талаб мекунад. Маҳз аз ҳамин сабаб, алҳол дар ҷаҳон нақш ва вазни ҳар як давлат аз рӯи саҳми он ба коркард ва ҷорӣ

намудани технологияҳои усулан нави саноатӣ барои ҷавоби мувофиқ ба воқеиятҳои манфии замони муосир муайян карда мешавад.

Принсипҳои стратегияи созандаи саноатӣ сиёсати ҳавасмандкунандаи давлатро нисбат ба ҳамаи соҳаҳо ҳангоми муайян кардани меъёрҳои мувофиқи интихоби лоиҳаҳои дастгиришаванда, аз ҷумла дастгирии содироти маҳсулоти сатҳи коркардаш баланд, ба вуҷуд овардани истеҳсолоти воридотивазкунанда, оптимизатсияи масъалаҳои логистика, афзалиятҳои минтақавӣ, мусоидат ба рушди инфрасохтори саноатиро дар бар мегирад. Воқеияти муосир дар соҳаи иқтисодиёт ҳамчунин возеҳан собит месозад, ки рақобатпазирии саноати мамлакат беш аз пеш аз чунин омилҳо, мисли сифати захираҳои меҳнатӣ, пойдории алоқаи байни бизнес, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, қобилияти эҷодкорона аз худ намудани технологияҳои хориҷӣ, суръати дар саноат паҳншавии инноватсияҳои техникӣ ва идоракунӣ вобаста аст.

Сиёсати фаъоли саноатӣ иштироки бахши давлатиро дар КИТТК (НИОКР) (корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ), суҳулати дастрасӣ ба патентҳо, дасгирии андозӣ ва молиявии фаъолияти нави истеҳсолӣ, интишори иттилоот, сиёсати мувофиқро дар ҷалби инветситсияҳои мустақими хориҷӣ дар бар мегирад. Таъмини омодагии касбии дахлдор ва беҳтар намудани сифати қувваи корӣ, такмили дастрасии нақлиётии минтақаҳо ва инкишофи кооператсияи стратегии байниминтақавӣ таъсири назаррас расонида метавонанд. Сиёсати саноатии дурбинона ба истифодаи афзалиятҳои мавҷуда ва ташаккули афзалиятҳои нави нисбӣ оид ба истеҳсоли молу хизматҳо диққати махсус медиҳад. Дар таҳияи сиёсати саноатӣ ба ҳам пайвастани ҳавасмандию манфиатдории агентҳои мухталифи хоҷагидорӣ зимнан бо назардошти манфиатҳои на танҳо насли ҳозира, балки насли оянда дар амалияи ҷаҳонӣ тамоюли умумӣ мебошад.

Нақши давлате, ки ба қисми асосии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ сармоягузорӣ намуда, дар такмили низоми маорифи ҷавобгӯ ба талаботи саноати муосири истеҳсолӣ фаъолона иштирок мекунад, хеле калон аст. Маҳз аз ҳамин сабаб сиёсати оқилонаи давлатии саноат бояд бо сиёсати ҳадафманд дар соҳаи таҳсилот таҳким ёбад. Зимнан барои Тоҷикистон тавсеаи миқёсии омодасозии мутахассисон дар соҳаи идоракунӣ, маркетинг ва ҳуқуқи хоҷагидорӣ самти аз ҳама афзалиятнок ҳисоб мешавад. Амалияи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки сиёсати саноатӣ бояд дорои хусусияти ҳамгироӣ бошад, яъне бо дигар самтҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла минтақавӣ омезиш ёбад ва бо ин роҳ ҷузъи илмӣ-техникӣ, технологӣ ва экологӣ касб кунад. Ин шарти ба даст овардани сатҳи баланди рушди сармояи инсонӣ мебошад, ки дар давраи мо унсури калидии рақобатпазирии мамлакат ба шумор меравад. Модели инноватсионии сиёсати саноатӣ ҳамчунин муҳиммияти афзуншавандаи маблағгузориро ба дороиҳои (активҳои) ғайримоддӣ, аз қабил дизайн, таҳияи брэнд ва КИТТК (НИОКР) (корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ), сармояи зеҳнӣ ба назар мегирад ва бо ин роҳ ба таъсиси ҷойҳои кории муосир дар дохили мамлакат, нигоҳ доштани иқтидори илмӣ-техникии он, таъмин намудани иқтисодиёт бо кадрҳои босалоҳият ва баландихтисос, зиёд кардани талаботи дохилӣ мусоидат мекунад . [2, С.41].

Оптимизатсияи бахши молиявии иқтисодиёт чун асоси муҳимтарини рушди саноат олати амалигардонии сиёсати муосири саноатӣ мебошад. Ба ин самт такмили методҳои гуногуни сиёсати буҷетӣ, андозӣ, пулию қарзӣ ва молиявиро мансуб донистан зарур аст. Ҳамчунин дар самти мазкур тадбирҳои сиёсати институтсионалӣ, иқтисодии хориҷӣ, инвеститсионӣ ва инноватсионии давлат аҳаммияти махсус доранд. Тадбирҳои дорои хусусияти умумиқтисодӣ, ки ба таҳияи ангезаҳои иловагӣ ва шароитҳо барои афзоиши арзиши изофа ба маҳсулоте, ки дар Русия истеҳсол шудааст, гулгулшукуфии саноату умуман иқтисодиёт мусоидат мекунанд, ҳамчунин набояд аз мадди назар дур монанд.

Агар механизми синергиро аз омезиши оқилонаи он олоти сиёсати иқтисодӣ, ки амали онҳо ба афзалиятҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосири давлат ва ҷамъият тобеъ аст, ба кор дарорем, мумкин аст комёбӣ насиби мо гардад.

ПАЙНАВИШТ

1. Говорова Н.В. Развитие человеческого капитала россии : необходимые переме -ны // Образовательная среда сегодня и завтра . Материалы VIII Международной науч .- практ. конф.: сборник научных трудов . — М. : МГИУ , 2013. С. 327–329.
2. Бубнов Г. Г., Солдаткин В. И. О глобализации высшего профессионального образования // Образовательная среда сегодня и завтра: Матер. VII Всеросс. научн.-практ. конф. — М.: Минобрнауки России, 2010. С. 41.

LITERATURE

1. Govorova N . B. Development of human capital in Russia: necessary changes // Educational environment today and tomorrow. Proceedings of the VIII International scientific - practical. conf.: collection of scientific papers. — M.: MGIU, 2013. P. 327–329.
2. Bubnov G. G., Soldatkin V. I. On the globalization of higher professional education // Educational environment today and tomorrow: Mater. VII All-Russian. scientific-pract. conf. - M .: Ministry of Education and Science of Russia, 2010. P. 41.